Замима
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» 03 с.2019, №145
тасдиқ шудааст

## Тартиби
## бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол

1. Тартиби бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол (минбаъд – Тартиб) барои танзими ҳуқуқии ташкили назорати бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол, равона гардидааст.

2. Бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол (минбаъд -Бақайдгирӣ) дар асоси хулосаи санитарию эпидемиологӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Намояндагони санитарию эпидемиологӣ дар гузаргоҳҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудани навъҳои алоҳидаи мавод ва мол, ки истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Точикистон иҷозат дода мешавад, вобаста гардида, барои ҳар як намуди мавод ва мол хулосаи экспертизаи санитарию эпидемиологӣ диҳанд.

4. Хулосаи экспертизаи санитарию эпидемиологӣ барои навъҳои алоҳидаи мавод ва мол, ки истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Точикистон иҷозат дода шудааст(тибқи замимаи 1-и Тартиб) ва навъҳои алоҳидаи мавод ва мол, ки истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст(тибқи замимаи 2-и Тартиб) дода мешавад.

5. Ба навъҳои алоҳидаи мавод ва моли содиротӣ хулосаи экспертизаи санитарию эпидемиологӣ мутобиқи дархости давлати содиротӣ дода мешавад.

6. Ҳангоми ворид намудани навъҳои алоҳидаи мавод ва молҳое, ки дорои сертификати мамлакати истеҳсолкунандае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ баробарқурб эътироф гардидаанд (ба ғайр аз мол ва маҳсулотҳое, ки бори аввал ворид мегарданд), хулосаи экспертизаи санитарию эпидемиологӣ талаб карда намешавад.

7. Мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳар семоҳа дар васоити ахбори омма рӯйхати давлатҳоеро, ки сертификати онҳо дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарқурб эътироф гардидаанд, интишор менамоянд.

8. Мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ Номгӯи мавод ва маҳсулоте,

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 969
«15» 04 с.2019

ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабариашон иҷозат дода шудааст, дар васоити ахбори омма нашр намояд.

9. Экспертизаи санитарию эпидемиологӣ вобаста ба дараҷанокии хатар (маводҳои хӯрока, мол ва маводҳое, ки аз мамлакатҳои системаи бехатарии маводҳои хӯрока, мол ва маводҳояш номукаммал аст) гузаронида мешаванд:

- намуди маводи хӯрока, мол ва маҳсулотҳои тезвайроншаванда;
- мамлакате, ки мол ва маҳсулотҳояшон сабаби таҳдид ба саломатии аҳолии Тоҷикистон ва (ё) дигар мамлакатҳо гардидаанд.

10. Амалӣ гардидани Тартиб бо роҳи андешидани чораҳои ташкилӣ, моддӣ ва молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

11. Иҷрои Тартиб имконият медиҳад, ки навъҳои алоҳидаи мавод ва моли бехатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, назорат дар самти пешгирӣ аз воридшавии навъҳои алоҳидаи мавод ва моле, ки барои саломатии инсон зараровар мебошад, пурзӯр карда шавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 969
“15” 04 с.20 19